Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи "Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мубрам буда, ба таҳқиқи мафҳум ва хусусиятҳои проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Зеро дар қонунгузории маданӣ ҳануз ҳам норасоиҳои меъёрӣ, оид ба падидаи розигӣ мавҷуданд ва онҳо бояд зери таҳлили илмӣ қарор гиранд ва падидаи розигӣ ҳамчун амали мустақили ҳуқуқи маданӣ, амал намояд.

Бояд қайд кард, ки истилоҳи «розигӣ» дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Кодексҳои маданӣ, оила, манзил, замин ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Аммо дар ин меъёрҳои ҳуқуқӣ мафҳуми ҳуқуқии розигӣ ба таври гуногун истифода гардидааст ва муаллиф дуруст қайд менамояд, ки он бояд аз ҳар як нуқтаи назар таҳқиқ карда шавад.

Дар илми ватанӣ масъалаи розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ махсусан таҳқиқ нашудааст ва то имрӯз таҳқиқоти монографии махсус оид ба ин масъала дида намешавад. Лек, олимон ҳангоми таҳқиқоти илмии падидаи баррасишаванда асосан ба ҳолатҳои мушаххасе диққат додаанд, ки барои зарурати изҳори розигӣ равона гардидаанд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Федератсияи Россия оид ба категорияи розигӣ якчанд таҳқиқотҳои диссертатсионӣ анҷом дода шудаанд ва онҳоро номбар кардааст, ки баъзе аз онҳо қаблан гузаронида шудаанд ва қисме аз онҳо ба мушкилотҳое, ки дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии мо мавҷуд аст дахл надоранд ва муқарраротҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2023 мавриди амал қарор дода шудааст, аз қонунгузории Федератсияи Россия фарқият доранд.

Бояд зикр намуд, ки розигӣ яке аз шартҳои муҳими бастани аҳдҳо ва амалҳои ҳуқуқии маданӣ байни субъектҳои он ба шумор рафта, иродаи ихтиёрӣ ва озодии тарафҳо омили асосии розигӣ ба шумор меравад ва аҳдҳое, ки бархилофи иродаи ихтиёрӣ ва озодии тарафҳо баста шудаанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Аз ин лиҳоз, розигии тарафҳо тибқи талаботи қонун дар муносибатҳои байниякдигарӣ, шахсони сеюм, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми бастани аҳдҳо дар муносибатҳои маданӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Мушкилоти марбут ба «розигӣ» таҳлили ҳамаҷониба ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли самарабахши таъмини адолат ва қонуниятро дар муносибатҳои маданӣ тақозо мекунад. Ҳолатҳои қайдгардида мубрамияти илмии таҳлили мафҳуми розигиро муайян мекунад, ки амали мустақили

дорои хусусияти ҳуқуқии маданиро ифода менамояд. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз зарурати таҳлили ҳамаҷониба ва мунтазами амалҳо оид ба додани розигӣ, гирифтани розигӣ, вобаста аст.

Ин маҷмуи масъалаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии соҳаи падидаи «розигӣ» дар ҳуқуқи маданӣ мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти интихобшударо муайян менамояд.

Навгонии мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои дар он пешниҳодшуда бо он тасдиқ мешавад, ки он бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии мадании Тоҷикистон масъалаҳои муайян кардани табиати ҳуқуқи-мадании хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои баён, намудҳои зоҳиршавӣ ва тартиби додани розигиро муайян ва баррасӣ карда дар ташаккули асосноккунии илмии назариявии категорияи розигӣ ва мушкилоти танзими ҳуқуқии он мусоидат менамояд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи назарияи ҳуқуқи хусусӣ анҷом дода шуда, заминаи илмию назариявии онро асарҳои олимони ин соҳа, аз ҷумла, Агарков М.М., Болдирев В.А., Касаткин С.Н., Золотухин А.В., Суханов Е.А., Ойгензихт В.А., Усмонов О.У., Маҳмудзода М.А., Раҳимзода М.З., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонзода И.Ҳ. ва дигарон замина гузоштаанд, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар диссертатсия муаллиф ақидаҳои навро доир ба ҷанбаҳои нави проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон пешниҳод намуда, айни замон зарурати таҷдиди назар намудани як қатор ақидаҳои илмии пештар дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷойдоштаро бо далелҳо исбот мекунад. Ин кӯшиши муаллиф навгонии илмии диссертатсияро таъмин менамояд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи мақсад, вазифаҳо, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, ки бо дарназардошти мавзуи интихобшуда муайян карда шудаанд, бо риояи усусли илмии таҳқиқи мантиқӣ, аз ҷумла гузаштан аз дониши умумӣ ба дониши мушаххас анҷом дода шудааст.

Таҳили муҳтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқи мукаммали илмӣ анҷом дода шуда, натиҷаҳои он ба такмили қонунгузорӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, шаклҳои нави ифодаи розигӣ мусоидат менамоянд.

Ба назари мо, агар дар диссертатсия аз нуқтаи назари ҳуқуқии таърихӣ, низ падидаи розигӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирифт, барои ҳалли проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ аз аҳаммият холӣ набуд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи “Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ва бандҳои 54, 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Таҳқиқи диссертатсионии Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи мадании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мутобиқат дорад.

Диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, сазовор аст.

Муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессори кафедраи
ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии
ДМТ Ғаффорзода И.Ғ.
Телефон:+992943-77-77-77
Почтаи электронӣ: il.1987@bk.ru

Имзои "Ғаффорзода И.Ғ." -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
Муҳр, сана
"25" 02 2026

ТАДЖИК NATIONAL UNIVERSITY · РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.